*Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-004-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, х. Рудакӣ, 17)*

**_ТАҚРИЗ_**

**ба автореферати диссертатсияи Тағоев Маҳадмумин Раҳимович дар мавзӯи “Мукаммалгардонии механизми ҳамкории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавии молиявӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.14 – Иқтисодиёти ҷаҳонӣ.**

Дар шароити муосири иқтисодӣ ва раванди рушди иқтисодиёти кишварҳои инкишофёфта, густариши ҳамкориҳо бо созмонҳои молиявии байналмилалӣ ва минтақавӣ ногузир аст. Ҳамкорӣ бо созмонҳои молиявии байналмилалӣ барои Ҷумҳурии Тоҷикистон махсусан дар шароити ҷаҳонишавӣ зарур арзёбӣ мегардад. Зеро созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавии молиявӣ метавонанд бо сармоягузорӣ ба рушду инкишофи соҳаҳои хоҷагии халқ заминаи мусоид фароҳам оранд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон баъд аз соҳибистиқлол гардидан ҳамаҷониба кӯшиш ба харҷ дода истодааст, то ҳамкориҳои муфиди дуҷонибаро бо созмонҳои молиявии байналмиллалӣ ва минтақавӣ ба роҳ монад. Дар ин самт корҳои зиёде дар сатҳӣ давлатӣ ва бахши хусусӣ ба анҷом расидаанд, ки ҳамкориҳоро боз ҳам густариш мебахшанд.

Бо назардошти гуфтаҳои боло, метавонем зикр намуд, ки иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар раванди рушд қарор дорад ва инкишофиояндаи он аз омилҳои зиёди дохила ва беруна вобастагии беандоза дорад. Вусъатёбии ҳамкориҳо бо чунин созмонҳо метавонад самаранокии иқтисодёти миллиро таъмин созад.

Аз ин рӯ, ҷиҳати боз ҳам баландбардории сатҳу сифати ҳамкорӣ бо созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавии молиявӣ ва боло бурдани нақши онҳо дар иқтисоди миллӣ, тадқиқотҳои илмӣ басо зарур арзёбӣ мегарданд. Вобаста ба ин метавон зикр намуд, ки таҳқиқоти илмии муаллиф дар ин самт саривақтӣ буда, мавзӯи интихобгардида мубрам ва дақиқ дониста мешавад.

Аз автореферат бармеояд, ки диссертатсия аз се боб, хулоса, феҳристи сарчашмаҳои истифодашуда, феҳристи интишороти илмии муаллиф ва замимаҳо иборат аст. Ҳангоми гузаронидани тадқиқот муаллиф аз сарчашмаҳои илмии олимони ватанӣ ва хориҷӣ ба таври васеъ истифода намудааст, ки ин гувоҳи амиқ ва дақиқи баррасии мавзӯи мазкур мебошад.

Бояд қайд намуд, ки дар автореферат пайдарҳамии андешаҳо дида мешавад ва мӯҳтавои рисолаи илмӣ пурра инъикоси худро ёфтааст. Сохтори

автореферат тибқи Низомномаи КОА - и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардида, ба талабот ҷавобгӯ аст.

Аз таҳлили автореферат ба назар мерасад, ки унвонҷӯ Тағоев М.Р. асосҳои методологӣ, назариявӣ ва амалии мавзӯъро ба таври дақиқ баррасӣ намудааст. Зимни тадқиқот ба унвонҷӯ муяссар гардидааст, то ҷанбаҳои мухтлифи ин самтро омӯзиш намуда, роҳҳои густариши ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ташкилотҳои молиявии минтақавӣ ва байналмилалиро муайян намояд. Тағоев М.Р. қайд менамояд, ки назорати давлатии гардиши маблағҳо, дастрасии комил ба маълумоти дақиқи оморӣ оид ба татбиқи лоиҳаҳои инвеститсионӣ, мониторинги электронии давлатии истифодаи маблағҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад фаъолияти созмонҳоро мукаммал гардонад. Ақидаи унвонҷӯ сазовори дастгирӣ мебошад, зеро дар шароити муосир ҷиҳати густариши фаъолияти ин созмонҳо, бояд фазои мусоид ва механизми нави ҳакориҳо ба роҳ монда шавад.

Ҳамчунин, дар автореферат самаранокии ҳамкориҳои молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо созмонҳои молиявӣ мавриди омӯзиш қарор дода шуда, паҳлӯҳои мубрами он баррасӣ гардидааст. Гузашта аз ин, аз автореферат дидан мумкин аст, ки раванди ҳамкории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо созмонҳои байналхалқӣ ва минтақавии молиявӣ дар таъмини рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври васеъ баррасӣ гардидааст, ки ин на танҳо заминаи мусоид барои ҳамкориҳои муфидро фароҳам меорад, балки аҳамияти илмии авторефератро низ боло мебарад.

Умуман, метавонем дарҷ намоем, ки унвонҷӯ Тағоев М.Р. мӯҳтавои асосии рисоларо дар автореферат ҷой намудааст ва натиҷаҳои дар раванди тадқиқот ба даст омадаро метавон, ҷиҳати рушду инкишофи ҳамкориҳо бо созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавии молиявӣ, ҳангоми таҳияи ҳуҷҷатҳои барномавӣ ва стратегияҳо истифода намуд.

Бо назардошти ҷанбаҳои илмӣ ва амалии дар автореферат мавҷуд буда, инчунин баъзе норасоиҳо ба назар мерасанд, аз ҷумла:

1. Барои беҳтар гардидани сифати автореферат зарур аст, ки расми 1 дар саҳ.12 ва расми 2 дар саҳ. 14 ба таври мукаммал шарҳ дода шаванд;
2. Дар саҳифаи 15, муаллиф тавсеаи ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо СБММ ба се давра гурӯҳбандӣ намудааст, вале сабаби чунин гурӯҳбандӣ ва ба се давра ҷудо намудани ин ҳамкориҳо дар автореферат пурра асоснок нагардидаанд (*давраи якум дар солҳои 1992-1997; давраи дуюм дар солҳои 1998-2004; давраи сеюм аз соли 2005 то ҳол*);
3. Дар автореферат баъзе камбудиҳо имлоӣ ҷой доранд.

Бояд қайд намуд, ки норасоиҳои дарҷшуда хусусияти тавсиявӣ доранд ва арзиши илмии тадқиқоти муаллиф ва авторефератро дар маҷмӯъ зери суол намекашанд.

Дар асоси баррасии автореферати диссертатсияи Тағоев Маҳадмумин Раҳимович дар мавзӯи "Мукаммалгардонии механизми ҳамкории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавии молиявӣ", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.14 – Иқтисодиёти ҷаҳонӣ пешниҳод гардидааст, ба талаботҳои Низомномаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад. Унвонҷӯ Тағоев М.Р. – ро метавон сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.14 – Иқтисодиёти ҷаҳонӣ (илмҳои иқтисодӣ) донист.

**Ректори донишгоҳи давлатии**
**Хоруғ ба номи М.Назаршоев.**
**д.и.и., профессор** **Ҷонмамадов Ш.Б**
**Суроға: кучаи Шириншоҳ Шоҳтемур**
**109, Хоруғ, Тоҷикистон.Тел**
**(+9923522) 2 45 79 (+992) 934 43 04 05**
**E-mail: shermamad@bk.ru**

**Имзои д.и.и., профессор**
**Ҷонмамадов Ш.Б.-ро тасдиқ**
**мекунам Сардори ШК Донишгоҳи**
**давлатии Хоруғ ба номи**
**М. Назаршоев** **Шабдолов К**